**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ:** 338.22+338.24 (575.3)
**ТБК:** 65.24
**П-33**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ПИРНАЗАРЗОДА ДИЛОВАР МАҲМАДНАЗАР**

# МУКАММАЛГАРДОНИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ТИБҚИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

(дар мисоли корхонаҳои саноатии хурд ва миёнаи
Ҷумҳурии Тоҷикистон)

**Ихтисос: 08.00.05 - Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ
(иқтисодиёти саноат)**

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

**Душанбе - 2021**

**Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Қурбонмуродова Озода Мирзомуродовна** – н.и.и., муовини сардори раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Мадаминов Абдураҳим Асророви**ч – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур

**Ҷабборов Фатҳулло -** муовини ректор оид ба робитаҳои хориҷии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат

**Муассисаи тақриздиҳанда:** **Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия саннаи «15» майи с.2021 соати 11:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмӣ ва сайти расмии Донишгоҳи милии Тоҷикистон: https://www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ___________ 2021 с. фиристода шуд

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саидмурадова М.А.**

## I. ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мубрамияти мавзӯъ**. Мавқеи калидии корхонаҳои саноатӣ дар низоми иқтисодиёти миллӣ ҳанӯз соли 2001 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни иродаи Паём ба Маҷлиси Олии мамлакат қайд гардида буд. Таъкид дошта шуда буд, ки «Ташкили низоми дахлдори молиявӣ, ки талаботи корхонаҳои нав таъсисёбанда, инчунин ташкил ва аз нав таҷҳизонидани корхонаҳои фаъолиятдоштаро қонеъ мегардонад, барои бунёди иқтисоди бозории самаранок амалкунанда бисёр муҳим мебошад». Инчунин қайд гардид, ки «Фаъолияти бахши хусусӣ асоси афзоиши даромади аҳолӣ хоҳад буд. Вобаста ба ин Ҳукумат барномаи ислоҳоти куллии корхонаҳо ва фароҳам овардани шароити мусоидро барои рушди бахши хусусӣ дастгирӣ мекунад».

Бо ин назардошт, дар мамлакат бо мақсади тақвият бахшидани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва бо ин васила мустаҳкам кардани иқтидори иқтисодии кишвар тадбирҳои муассир ва мушаххас роҳандозӣ карда шуданд. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла масолеҳи сохтмон, маъданҳои кӯҳӣ, истихроҷи ангишт бамаротиб боло рафта, дар ММД ҳиссаи назаррасро касб карданд. Чунончи, тибқи маълумоти оморӣ танҳо дар соли 2019 15 корхонаҳои саноатии нави истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ сохта, мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд, ки ин корхонаҳо дар соли 2019 ба маблағи 2,7 миллиард сомонӣ масолеҳи сохтмонӣ истеҳсол карданд. Масолеҳи истеҳсолшуда асосан воридотивазкунанда буда, назар ба соли 2018 345,4 миллион сомонӣ зиёд мебошанд.

Новобаста аз оне, ки дар кишвар дар самти ташаккули корхонаҳои саноатии мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ дастовардҳои назаррас мушоҳида мегарданд, лекин нишондиҳандаҳои оморӣ нигаронкунанда боқӣ мемонанд. Чунончи, танҳо дар соли 2019 26 ҳазор субъектони соҳибкорӣ фаъолияти худро қатъ карданд, ки аз ин нишондод 1,4 ҳазораш ба ширкатҳо рост меоянд. Бинобар ин, ҳанӯз ҳам қонеъкунана набудани соҳа аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019 махсус таъкид гардид.

Он чиз қобили қабул гардидааст, ки ба сифати мушкилоти калидии ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи саноат гаронии андоз муайян карда мешавад. Бо ин нуқтаи назар дар маҷмӯъ розӣ шудан ғайриимкон ба назар мерасад. Дар ташаккули корхонаҳои саноатии гуногун, истеҳсоли молу маҳсулот ва фурӯши онҳо як қатор омилҳо, ба монанди маҳалли ҷойгиршавии корхона, дастрас будани ашёи хом, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, сифати молу маҳсулот, маркетинг, менеҷмент ва омилҳои дигари ба ин монанд таъсир мерасонанд. Аз дуруст муайян карда шудани моҳияти ин омилҳо на танҳо инкишофи соҳаи саноат, инчунин устувории муносибатҳои иқтисодӣ, болоравии истеҳсолоти молу маҳсулоти воридотивазкунанда пайвандии ногусастанӣ доранд. Вобаста ба ин, розӣ шудан мумкин аст, ки «барои аксар намудҳои истеҳсолоти саноатӣ стратегияи воридотивазкунанда заминаи устувори гузариш ба стратегияи содиротӣ ба шумор меравад». Барои ин зарур аст, ки омилҳои пайгиришаванда ба таври илмӣ асоснок карда шуда, роҳҳои самараноки ташкили фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи саноат пешниҳод карда шаванд.

Нуктаҳои асосии зикргардида, дар интиҳои кор мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян карданд.

**Дараҷаи азхудшавии масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот**. Масъалаҳои ташкил ва рушди корхонаҳои саноатӣ аз рӯи мазмун ва моҳият мушкилоти калидии ҳам назария ва ҳам амалия ба шумор

меравад. Аз ин ҷо, раванди ташаккули корхонаҳои саноатӣ дар маркази диққати доираи васеи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ қарор дошта, аз ҷониби онҳо борҳо кӯшиши аз худ карда шудани паҳлӯҳои мухталифи ин раванд анҷом дода шудааст.

Чунончи, иқтисодшиносони машҳур Ж. Бодо, Д. Бэннок, Я. Корнай, П. Бекли, Р. Бэроуз, М. Вебер, Ҷ. Гэлбрейт, Х. Кене, П. Гэнгюл, Д. Норт, Р. Катилон, А. Маршал, Д. Нюболд, В. Окейн, М. Портер, Р. Хизрич, Д. Рассел, Д. Троуэл, Д. Крэен ва диг. раванди ташаккули корхонаҳои саноатиро ҳанӯз дар замони худ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, барои рушди минбаъдаи соҳаи саноат усулҳои мушаххасро илман асоснок карда буданд, ки ин усулҳо имрӯз низ аҳмиятихудро гум накардаанд.

Ба масъалаҳои рақобатпазирӣ, сифати хизматрасонӣ ва стандартикунонии молу маҳсулот олимони рус Агеев Ш., Блинов А., Бусигин А., Бухвалд Е., Виленский А., Емелянов О., Клевлин А., Королев В., Колесников А., Лапуст М., Мазол С., Малгин В., Мокичев С., Радаев В., Рубе В.,Чепуренко А. ва дигарон мароқ зоҳир карда, доираи васеи маҳсули меҳнати худро ба ин масъала бахшиданд.

Дар омӯзиши масъалаҳои бозори истеъмолӣ, бахусус ташкил ва идоракунии кор-хонаҳои саноатӣ (тиҷоратӣ, фаъолияти маркетингӣ, молию пулӣ ва ғ.) иқтисодшиносони зерин Баканов М.,Бланк И., Бурмистров В., Воронин В., Гребнев А., Данненбург В.,Зырянов А.,Иваницкий В., Левин А., Локшин Р., Мочалов Б., Николаева Т., Набоков В., Неруш Ю., Новиков В., Орлов А., Орлов Я., Осипова Л., Памбухчиянс В., Панкратов Ф., Серегина Т., Синяева И.,Соловев Б. ва дигарон пешсаф буданд.

Дар омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои алоқаманд ба ташкил ва рушди корхонаҳои саноатӣ олимони ватанӣ низ саҳми назаррас гузоштанд. Чунончи, масъалаҳои самтҳои ало-ҳидаи рушди корхонаҳои саноатӣ, мушкилоти соҳа дар таҳқиқоти илмии Абдуғаффоров А., Абдусамадов Г., Аминов И., Асроров И., Ғаниев Т., Ғозибеков С., Давлатзода Қ., Дадоматов Д., Қаюмов Н., Қаюмова Ф., Қодиров Д., Комилов С., Низомова Т., Нурмаҳмадов М., Обидов Ф., Рауфӣ А., Раҳимов Р., Раҳимов Ш., Ризоқулов Т.,Улмасов Р., Умаров Х., Файзуллоев М., Ҷӯраева А., Ҳабибов С., Юсупов Х. ва дигарон ба таври васеъ инъикос гардидааст.

Пажӯҳишҳое, ки дар соҳаи саноат роҳандозӣ шудаанд, асосан бароиояндабинӣ ва тамоюли рушди соҳа бахшида шудаанд. Саҳми муҳаққиқони мактабҳо ва самтҳои гуногуни илмӣ, дастовардҳои илмӣ, методологӣ, методӣ ва амалии онҳоро дар таҳқиқи мавзӯъ баланд арзёбӣ карда, дар айни замон иброз намудан лозим аст, ки масъалаҳои пажӯҳиши моҳияти соҳаи саноат ва ташкили корхонаҳои саноатӣ, бахусус арзёбии самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо, таъсиррасонӣ ба қонеъшавии талаботи аҳолӣ, рақобатпазирии корхонаҳо вобаста ба шакли фаъолияти соҳибкорӣ, идоракунии раванди мазкур ба қадри зарурӣ омӯхта нашудааст.

Баҳсбарангез будани масъалаҳои ташкил ва идоракунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсоли молҳои саноатӣ, аҳмияти он дар қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ба молҳо ва хизматрасониҳо дар иқтисоди мамлакат, асоси интихоби мавзӯи диссертатсия, объекти таҳқиқотро муайян карда, таҳияи ҳадаф ва вазифаҳои корро муайян намуданд.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади асосии таҳқиқоти илмии иҷрошуда коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили ташкил ва идоракунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ маҳсуб меёбад.

**Объекти таҳқиқотро** соҳаи саноат ва фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Мавзӯи таҳқиқот** муносибат ва равандҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар ҷараёни ташаккул, рушд ва идоракунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва таъсири он ба болоравии сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ пайдо мегарданд.

**Мақсади диссертатсия ба таҳия ва ҳалли вазифаҳои зерин вобастагӣ дорад:**

- асосноксозии заминаҳои назариявию иқтисодии фаъолият ва рушди идоракунии корхонаҳои саноатӣ тибқи таҳқиқоти нуктаҳои назари олимони ватанию хориҷӣ;
- дар заминаи муқобилгузории омилҳои таъсиррасонанда ва вазъи воқеии ташаккули корхонаҳои саноатӣ, коркард кардани усулҳои дастгирии давлатӣ ва ба ҳам пайвастан намудани назария бо амалия ҷиҳати коҳиш додани оқибатҳои номатлуби тағйирёбандагии муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ;
- бо ба инобат гирифтани таҷрибаи мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ пешрафта таҳия кардани модели миллии рушди соҳаи саноат ва аз нигоҳи сифат, борпеч, тарғиби молу маҳсулоти ватанӣ рақобатпазир гардонидани онҳо дар бозори байналмилалии молу маҳсулот;
- таҳлили вазъи воқеии корхонаҳои саноатӣ дар таносуб бо назария ва амалия ва дар заминаи таҳлилҳои гузаронидашуда пешниход кардани таклифҳо ҷиҳати беҳбуд бахшидани раванди ташаккули корхонаҳои саноатӣ ва бо ҳамин васила баланд бардоштани истеҳсоли молу маҳсулоти воридотивазкунанда;
- бо истифода аз моделҳои иқтисодӣ-математикӣ мушаххас муайян кардани махсусиятҳои миллии ташаккули корхонаҳои саноатӣ ва дар заминаи онҳо таҳия кардани механизми пайвандии стандартҳои миллӣ ба стандартҳои байналмилалии нисбати молу маҳсулот пешниҳодшаванда, ки ҳадафи онро ба бозори ҷаҳонӣ муаррифӣ кардани молу маҳсулоти ватанӣ ташкил медиҳад;
- бо омӯзиши асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатӣ оид ба соҳаи саноат, муайян кардани самаранокии самтҳои он ва таҳия намудани таклифҳои мушаххас бобати тақвият бахшидани сиёсати давлатӣ оид ба соҳаи саноат, ки заминаи фундаменталии ҳадафи чоруми миллиро ташкил медиҳад;
- таҳлили татбиқи низоми идоракунии сифат тибқи стандартҳои байналмиллалӣ дар корхонаҳои саноатӣ.

**Усули таҳқиқот**. Дар раванди таҳқиқот аз методҳои умумӣ ва махсуси илмӣ арзёбӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули гурӯҳбандӣ, таҳлили оморӣ, таҳлили омилӣ ва амсиласозии математикӣ-иқтисодӣ истифода шудаанд.

**Соҳаи таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқот ба пунктҳои зерини Шиносномаи номгӯйи тахассусҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти гузаронидашуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои он ба банди зерини ихтисоси 08.00.05 «Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ» дар соҳаи «Иқтисодиёти саноат», рамзи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илмҳои иқтисодӣ» 1.1.1. Асосҳои назариявӣ-молиявии иқтисодиёт ва идоракунии

системаҳои иқтисодӣ дар саноат; 1.1.6. Рушди корхонаҳо (ташкилот); 1.1.7. Ташаккули механизмҳои тараққиёти устувори иқтисодиёти соҳаҳо, муҷтамаъҳо ва корхонаҳои саноатӣ; 1.1.18. Афзорҳо ва методҳои менеҷменти корхонаҳои саноатӣ, соҳаҳо ва муҷтамаъҳо; 1.1.19. Асосҳои назариявӣ ва методологии самаранокии тараққиёти корхонаҳо, соҳаҳо ва муҷтамаъҳои хоҷагии халқ мутобиқат менамоянд.

**Марҳилаҳои таҳқиқоти илмӣ**. Дар доираи таҳқиқоти илмии гузаронидашуда равандҳои иқтисодие мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуданд, ки онҳо давоми солҳои 2014-2019 дар соҳаи саноати миллӣ рӯйи кор омаданд.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоиши таҳқиқоти** илмиро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маводҳои чорабиниҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла конференсияҳо, форумҳо ва машваратҳои илмӣ, нашрияҳои ватанӣ ва хориҷӣ ташкил доданд. Бо ин мақсад ҳамчунин аз маълумоти омории вазорату идораҳои давлатии соҳавӣ Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ба таври васеъ истифода бурда шудааст. Таҳқиқоти илмӣ дар назди кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ** бо гузаронидани таҳлил, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод шудаанд.

**Сарчашмаҳои иттилоотии таҳқиқотии** диссертатсиониро корҳои илмӣ - тадқиқотӣ (монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо), маълумоти воқеию омории гирдовардаи муаллиф, маводҳои расмии ВАО, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, маълумоти омори расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тавсияҳои муассисаҳои илмии мамлакат ва санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ оиди андоз ва андозбандӣ истифода бурда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар нуктаҳои асосии зерини барои ҳимоя пешниҳодшаванда зоҳир мегарданд:

- ❖ дар асоси омӯзишу таҳлил асосҳои назариявию иқтисодии фаъолият ва рушди корхонаҳои саноатӣ, ки барои интихоби шакли нисбатан самараноки фаъолияти кор-хонаҳои саноатӣ мусоидат мекунанд, асоснок гардида, дар баробари ин аз тарафи муал-лиф таърифи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ пешниҳод шудааст, ки дар шароити муосир нақши пешбарандаи корхонаҳои саноат дар дараҷаи қаноатмандии эҳтиёҷоти ҷомеа ба маҳсулоти баландсифат, таъмини таҷҳизоти техникӣ, таъминоти ҷойҳои корӣ ва интенсификатсияи истеҳсолот аз муваффақиятҳои рушди он зоҳир мегардад;
- ❖ дар заминаи муқобилгузории омилҳои таъсиррасонандаи муҳити берунаю дохилӣ ба вазъи воқеии корхонаҳои саноатӣ усулҳои дастгирии давлатӣ ва ба ҳам пайваст намудани назария ва амалия коркард шуда, пешниҳод мешавад, ки барои саривақт бо иттилооти ҳуқуқию иқтисодии дақиқ ва саҳеҳ таъмин намудани соҳибкории истеҳсолӣ, зарур дониста мешавад, ки дар мамлакат, дар заминаи Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳзани ягонаи иттилоотӣ оиди ҷамъоварии иттилооти зарурӣ дар

бораи фаъолияти соҳибкорӣ, навгониҳои қонунгузории соҳавӣ, чорабиниҳои баргузоршаванда дар бар гирад;

❖ дар асоси омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи мамлакатҳои саноатии хориҷӣ, масалан, Хитой, Япония, Олмон, Ӯзбекистон, ШМА хулоса кардан мумкин аст, ки онҳо дар марҳилаҳои аввали рушди саноати миллӣ, асосан моделҳои миллии ташаккули соҳибкории истеҳсолиро таҳия намуда, тараққиёти минбаъдаи онро заминагузорӣ карданд. Чунончи, Хитой дар марҳилаҳои аввали рушди саноати миллӣ бештар ба зиёдшавии шумораи корхонаҳои саноатӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст, Япония дар фарқият аз Хитой рушди соҳаи саноати миллиро ба тайёр намудани мутахассисони баландихтисос алоқаманд кард, Ӯзбекистон тавонист рушди саноати миллиро дар асоси ифтитоҳ кардани сохторҳои таркибии ширкатҳои байналмилалии маъруф дар ҳудуди мамлакат заминагузорӣ намояд.

❖ вазъи воқеии корхонаҳои саноатӣ бо назардошти муҳитӣ бозори муосир, ки ба ра-ванди ташаккули фаъолияти корхонаҳои саноатӣ таъсир мерасонанд, таҳлил гардидааст. Мавқеи воқеии корхонаҳои саноатӣ бо назардошти муҳити бозори муосир, ки ба раванди ташаккули корхонаҳои саноатӣ таъсир мерасонад, таҳлил карда шуда, пешниҳодҳо оиди такмил додани системаи идоракунии корхонаҳои саноатӣ бо дарназардошти афзалиятноки омилҳои барои сармоягузорони хориҷӣ муҳим, ки ин рақобатпазирии ин корхонаҳоро аф-зоиш дода, манбаъҳои гуногуни сармоягузориро сафарбар менамояд, баррасӣ гардидаанд;

❖ хусусиятҳои миллии ташаккули корхонаҳои саноатӣ бо истифода аз масъалаҳои иқтисодӣ-математикӣ, бо назардошти стандартҳои байналмиллалӣ, ки ҳадафи он муарифии молу маҳсулоти ватанӣ ба бозори ҷаҳонӣ мебошад, паст кардани сатҳи бекорӣ ва адолати иҷтимоӣ; баландбардории сифати ҳаёти аҳолӣ; фаъолгардонии инноватсия; ба раванди меҳнат ҷалб кардани тамоми категорияи аҳолӣ; рушди сарчашмаҳои табиии ашёи хом ва маводҳо; ташаккули афзалияти рақобатпазирии саноат ва минтақа; қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ба хизматрасонӣ, муайян шудааст;

❖ зарурияти роҳҳои беҳтар намудани сифати маҳсулоти ин корхонаҳо асоснок гардида, саривақтӣ будани гузариши корхонаҳои саноатӣ ба низоми стандартҳои байналмилалӣ ISO 9000 пешниҳод гардидааст, ки ворид кардани технологияҳои навтарин ва пешрафтаи сифати маҳсулотро талаб менамояд. Ҳамзамон асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатӣ ҷиҳатӣ дастгири ва рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, ки ба татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ равона гардидааст, муайян карда шуда, мавқеи соҳаи танзими техникӣ дар рушди иқтисодиёти корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ арзёбӣ гардидааст, ки ислоҳоти амалигардида ва фаъолияти пурсамари бахши хусусӣ дар арсаи байналмилалӣ эътироф шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** таҳқиқоти илмиро дидгоҳҳо, андеша ва тамоюлҳои заминавӣ дар соҳаи назарияи иқтисодии муосир, иқтисоди корхонаҳои саноатӣ, ки дар он пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос гардидаанд, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаи танзими бозори истеъмолӣ, сифат ва бехатарии молҳо ва хизматрасониҳо, вижагии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ташкил доданд.

**Аҳмияти амалии таҳқиқоти илмӣ**. Коркарди илмӣ-назариявӣ ва методӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки тасвиб шудаанд, бо маълумотнома дар бораи татбиқи натиҷаи таҳқиқоти илмӣ тасдиқ мегарданд.

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва методии таҳқиқоти илмӣ дар раванди таҳияи барномаҳо ва васоити таълимӣ ва маърӯзаҳо оид ба фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Соҳибкорӣ», «Мик-роиқтисодиёт», «Макроиқтисодиёт», «Назарияи ташкилӣ», «Мененҷмент», «Маркетинг», «Назарияи ташкилот» ва ғ. инъикос ва истифода гардиданд.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- ✓ асосноккунии илмии заминаҳои назариявию иқтисодии фаъолият ва рушди идоракунии корхонаҳои саноатӣ;
- ✓ асосноккунӣ ва арзёбии омилҳои таъсиррасонанда ва вазъи воқеии ташаккули корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ✓ таҳия кардани модели миллии рушди соҳаи саноат ва аз нигоҳи сифат, борпеч, тарғиби молу маҳсулоти ватанӣ рақобатпазир гардонидани онҳо дар бозори байналмилалии молу маҳсулот;
- ✓ пешниҳод кардани таклифҳо ҷиҳати беҳбуд бахшидани раванди ташаккули корхонаҳои саноатӣ ва бо ҳамин васила баланд бардоштани истеҳсоли молу маҳсулоти воридотивазкунанда;
- ✓ илман асоснок намудани механизми пайвандии стандартҳои миллӣ ба стандартҳои байналмилалии нисбати молу маҳсулот пешниҳодшаванда, ки ҳадафи онро ба бозори ҷаҳонӣ муаррифӣ кардани молу маҳсулоти ватанӣ ташкил медиҳад;
- ✓ асоснок намудани татбиқи низоми идоракунии сифат тибқи стандартҳои байналмиллалӣ дар корхонаҳои саноатӣ.

**Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия**. Саҳми шахсии муаллиф дар гузаронидани мушоҳидаи интихобии якчанд корхонаҳои саноатӣ зоҳир гардида, ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили омории молҳои истеҳсолшудаи корхонаҳои саноатиро дар бар гирифтааст. Муайян намудани мақсад, вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ҳалли онҳо дар ҷамъбасткунӣ, мураттабсозӣ, ошкор ва пурра намудани роҳҳои назариявӣ ва амалии таҳлили мукаммалгардонии механизми низоми идоракуни корхонаҳои саноатии Тоҷикистон асоснок шудааст.

Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ мумкин аст ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои мақсадноки давлатии танзимкунандаи соҳаи саноати мамлакат ба таври васеъ истифода шаванд.

**Тасвиби натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар семинарҳои назариявию методологӣ, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардида, қобили қабул дониста шудаанд. Аз ҷумла дар мавзӯъҳои «Асосҳои назариявӣ ва методологии фаъолият ва рушди соҳибкории хурд ва миёна дар бахши хизматрасонӣ» (Конференсияи байналмилалии илмӣамалӣ дар мавзӯи «Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар шароити муосир: ҳолат ва дурнамо», Душанбе, 2018), «Саҳми соҳибкорони хурду миёна дар рушди содирот» (мизи мудаввар оид ба тамғагузории молу маҳсулот, Сочӣ, 2017), «Хусусиятҳои идоракунии соҳибкории хурд ва миёна» (семинари илмию амалӣ доир ба стандартҳои байналмилалии низоми идоракунии сифат дар соҳаи хизматрасонӣ,

Туркия, 2016), «Муколамаи бахши хусусӣ бо мақомоти давлатӣ» (семинари илмию амалӣ оид ба дастгириҳои давлатӣ, Олмон, 2016) ва ғ.

Натиҷаҳои илмию таълимии диссертатсия дар раванди курсҳои такмили ихтисоси кормандони Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Интишороти натиҷаҳои диссертатсия**. Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ нашр гардидааст, ки аз инҳо 9 дар маҷаллаҳои тақризии тавсияшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия дар 179 саҳифаи матни компютерӣ иншо гардида, аз сарсухан, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 26 ҷадвал ва 13 расмро дар бар мегирад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муққадима** мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ собит карда шуда, дараҷаи коркардшавии он арзёбӣ гардидааст. Мақсад, вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва аҳмияти амалии он баён гардидаанд.

Дар **боби якуми** диссертатсия «Моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ва аҳмияти онҳо дар шароити муосири иқтисодии Тоҷикистон» асосҳои назариявию иқтисо-дии фаъолият ва рушди корхонаҳои саноатии хурду миёна, омилҳои таъсиррасонанда ба рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, рақобатпазирии молу маҳсулот ва таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба раванди ташаккул ва фаъолиятӣ корхонаҳои саноатӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ баррасӣ шудаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия «Арзёбӣ ва таҳлили вазъ ва рушди корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳлили вазъи муосири корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар муҳити бозорӣ ва истифодаи тарҳи иқтисодӣ-математикиро бо мақсади муайян намудани самти рушд ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ дар бар мегирад.

Дар **боби сеюми** диссертатсия «Такмили механизмҳои идоракунӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дастгирӣ ва имтиёзҳои давлатӣ ҷиҳати рушди корхонаҳои саноатӣ, мавқеъи соҳаи танзими техникӣ дар рушди иқтисодиёти корхонаҳои саноатии кишвар ва татбиқи низоми идоракунии сифат тибқи стандартҳои байналмилалӣ ҳамчун муосиртарин омили ташаккул ва рушди корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муоина шудааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳо ҷамъбаст гардида, роҳҳои мушаххаси ҳалли мушкилоти рушди корхонаҳои саноатӣ бо назардошти талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон дода шудаанд.

## II. МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Зимни таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию иқтисодии фаъолият ва рушди корхонаҳои саноатӣ, мафҳумҳои корхона, корхонаҳои хурд ва миёна, корхонаҳои саноатӣ ва саноат кушода дода шуда, аҳамияти онҳо дар рушди низоми иқтисоди миллӣ муайян карда шудааст. Он нукта қайд гардидааст, ки мақоми корхона дар муносибатҳои иқтисодӣ аз дуруст муайян карда шудани мафҳуми ин падида вобаста аст. Аз ин ҷо, муаллиф дар асоси такя ба андешаҳои гуногуни муҳаққиқон ба хулосае меояд, ки корхона:

❖ аввалан, объекте мебошад, ки онро харидан, фурӯхтан ё бо тартиби муқаррар-кардаи қонун иҷора гирифтан (супоридан) мумкин аст;

❖ сониян, намудҳои асосии фаъолияти корхона тибқи салоҳдиди соҳибмулк интихоб гардида, маҳсулот ва фоидаи ба даст омада бо ин тартиб идора карда мешавад;

❖ баъдан, корхона низ метавонад субъети муносибатҳои гуногун бошад, яъне ташкилоте, ки аз ҷониби соҳибкор таъсис дода шудааст.

Тибқи ин хусусиятҳо зери мафҳуми корхона фаҳмида шудани субъекти мустақили фаъолияти хоҷагидориро пешниҳод менамояд, ки аз маҷмӯи молумулкӣ иборат буда, бо мақсади ба даст овардани фоида дар асоси хизматрасонӣ ва ё истеҳсол ва фурӯши молу маҳсулоти саноатӣ таъсис дода шуда, маҳсулоти истеҳсолшуда, даромади аз ин ҳисоб ҳосилшудро тибқи салоҳдидаш ихтиёрдорӣ менамояд. Вобаста ба ин, аҳмияти зерини корхона дар рушди иқтисодиёти миллӣ қайд мегардад: - вазифаҳои асосии иқтисодии ҷомеа дар сатҳи корхона ҳаллу фасл карда мешавад (чиро истеҳсол намудан, чӣ гуна истеҳсол кардан, барои кӣ ва чӣ истеҳсол намудан); - вазъи иқтисодии мамлакат дар маҷмӯъ аз натиҷаҳои фаъолияти корхона вобаста аст; - корхона ҷойҳои корӣ таъсис дода, шуғлмандии аҳолиро таъмин месозад; - сифати маҳсулот, хизматрасонӣ, қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ аз фаъолияти корхона вобастагӣ дорад; - корхона тавассути андоз буҷети сатҳҳои гуногун ва фондҳои ғайрибуҷетиро ташкил медиҳад; - корхонае, ки фаъолияти иқтисодии хориҷиро амалӣ менамояд, захираҳои асъории кишварро ташаккул медиҳад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки муҳити дохилӣ ва берунаи таъсиррасонандаи корхона ба принсипи ҷойгирсозии корхонаҳои саноатӣ доираи омилҳои дохилӣ ва берунӣ муайян карда шуданд, ки ба фаъолияти корхонаҳо ва маҳалли ҷойгиршавии онҳо таъсир мерасонанд. Қайд карда мешавад, ки муҳити дохилӣ ва берунии корхона мутобиқи омилҳои зерин таҳлил карда мешаванд: сиёсати кадрии корхона ва иқтидори зеҳнии онҳо, касбу ихтисос ва малакаи касби кормандон, сохтори ташкилӣ, таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳо, молияи ширкат, маркетинг, фарҳанги ташкилӣ, омилҳои сиёсӣ ва демографӣ, омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, омилҳои ҳуқуқӣ ва техникию инноватсионӣ (расми 1).

Натиҷаи таҳлили расми 1 аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар яке аз ин омилҳои таъсиррасонандаи дохилӣ ва беруна, ҳам дар якҷоягӣ ва ҳам дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти корхона ва баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии он, сифати молу маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хадамоти расонида-шаванда як қатор пешниҳодҳои мушаххас карда шудааст.

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки таҷрибаи мамлакатҳои аз лиҳози саноатӣ пешрафта мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки корхонаҳои хурд ва миёна ба истиснои истеҳсол кардани маҳсулоти нав ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, бо машғул шудан ба фурӯши маҳсулоти ширкатҳои бузург, дар фаъолияти онҳо нақши калидиро мебозанд. Чунончи, дар ШМА қариб 20 миллион корхонаҳои хурд ва миёна фаъолият мекунанд, ки дар онҳо зиёдтар аз 50% аҳолии шуғлманд машғули кор мебошанд. Саҳми ин корхонаҳо дар ММД-и мамлакат аз сарҳади 50% мегузарад. Дар Япония 6,5 миллион корхонаҳои хурд ва миёна ҷой доранд, ки 78% аҳолии шуғлмандро бо машғулияти доимӣ таъмин менамоянд.




**Расми 1. Сохтори муҳити дохилӣ ва берунаи корхонаҳои саноатӣ ва омилҳои таъсиррасон (таҳияи муаллиф)**

Ҳиссаи онҳо дар ММД-и Япония зиёдтар аз 52%-ро ташкил медиҳад. Дар Иттиҳоди Аврупо шахсони дар корхонаҳои хурд ва миёна фаъолияткунанда 72%-ро ташкил медиҳанд, ки саҳми ин корхонаҳо дар ММД-и ҳудуди 65% мегузарад. Корхонаҳои хурд ва миёна генератори раванди инноватсиониро дар соҳаи саноат ифода мекунанд, ки ба тағйирёбии сохтори истеъмолӣ мӯътадил вокуниш нишон медиҳанд.

Агар иштироки корхонаҳои хурд ва миёна дар комплектатсияи маҳсулоти омодашудаи аз ҷониби корхонаҳои калон содиршаванда ба назар гирифта шавад, пас саҳми онҳо дар арзиши содироти молу маҳсулоти содиршаванда ба 60% дар Италия, 50% дар Франсия ва 40% дар Япония баробар мегардад. Масалан, 50%-и иҷозатноматҳо дар ШМА аз ҷониби корхонаҳои хурд ва миёнаи инноватсионӣ фурӯхта шудаанд. Қисми муҳими содироти корхонаҳои хурд ва миёнаро ба истиснои технологияҳо, молу маҳсулоти саноати мошинасозӣ, коркарди металл, кимиё, техникаи барқӣ, нассоҷӣ ва дигар соҳаҳои саноат ташкил медиҳанд.

Дар ин маврид қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 164 воҳид корхонаҳои саноатӣ фаъолият мекунанд, ки ин нишондиҳанда соли 2019 зиёда аз як маротиба афзудааст. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бошад 27613 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нишондод соли 2019 зиёда аз ду маротиба афзуд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки чораҳои андешидашаванда ва баамалбарории барномаҳои давлатии стратегӣ ба инкишофи соҳаи саноат ва корхонаҳои он ба таври мусбӣ таъсир мерасонанд.Арзёбии вазъи кунунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва таҳқиқи динамикаи рушди корхонаҳои саноатии кишвар дар солҳои гузариши иқтисодиёт (1990-2019) нишон дод, ки чун як соҳаи пешбари иқтисоди воқеӣ он ба тағйиротҳои ҳудудӣ ва сохторӣ дучор гардид. Ҳарчанд, ки дар давоми солҳои 1997-2019 сатҳи афзоиши саноат хеле баланд гардидааст, вале ба сатҳи пеш аз давраиислоҳот дар бисёр намудҳои маҳсулот ноил нагардидааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1**

**Нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии саноат дар Тоҷикистон**

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/2013 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид | 1804 | 2164 | 2310 | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | **119,96** |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархҳои соли 2019), млн. сомонӣ | 13412 | 14083 | 15674 | 18182 | 22055 | 24393 | 27613 | **205,88** |
| Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳаз. нафар | 76,3 | 81,7 | 81,2 | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 84,2 | **110,35** |
| аз ҷумла коргарон | 55,4 | 62,8 | 67,0 | 65,9 | 73,8 | 752,1 | 73,2 | **132,13** |

**Сарчашма:** аз рӯйи маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - С. 272 ҳисоб карда шудааст.

Ба андешаи муаллиф ба ин раванди инкишоф ҳамчунин истифода ва мавриди баҳрабардорӣ қарор додани бастаи стандартҳои байналмилалӣ ISO 9000 таъсир расониданд, ки аз ҷониби ташкилоти байналмилалӣ оид ба стандартонӣ International Standard Organization моҳи марти соли 1987 таҳия ва соли 1994 таҷдиди назар карда шудааст.

Ҷорӣ намудани системаи менеҷменти сифат барои фаъолияти корхонаҳои хурду миёна дар шароити имрӯза хело муҳим ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар,

истифодабарии принсипҳои системаи менеҷменти сифат мусоидат менамоянд, ки корхонаҳо нисбати ин давраҳо таҳлили далелнок гузаронанд.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки аҳмияти махсусро таҳлили шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон доро мебошад, зеро дар ин раванд мо муҳимияти саноати хӯроквориро нисбати дигар соҳаҳои иқтисодӣ мушоҳида карда метавонем (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2**

**Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноатӣ**

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/2013 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ саноат | 1804 | 2164 | 2310 | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | 119,96 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 136 | 154 | 214 | 232 | 229 | 249 | 250 | 183,82 |
| Саноати коркард | 1640 | 1980 | 2071 | 1772 | 1732 | 1806 | 1749 | 106,65 |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об | 28 | 30 | 25 | 39 | 38 | 106 | 168 | 600,00 |

**Сарчашма:** аз рӯйи маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - С. 274 ҳисоб карда шудааст.

Раванди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти шароити иқтисоди бозоргонӣ ва саҳми соҳибкории истеҳсолӣ дар ММД таҳлил карда шудааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 13 412 млн. сомонии дар соли 2013 (дар муқоиса бо индексатсияи нархҳои имрӯза) соли 2019 ба 27613 млн. сомонӣ (2 баробар) афзуд. Ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2019 35,7%-ро ташкил дод. Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2013-2019 дар расми 2 тасвир шудааст.




**Расми 2. Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2013-2019 (млрд. сомонӣ)**

Бо доштани иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ, дар ҷумҳурӣ дар солҳои 1990-2019 ҳамагӣ аз 16,1 то 20,0 млрд. кВт. соат нерӯи барқ истеҳсол карда шудааст. Бори аввал дар таърихи Тоҷикистон нишондиҳандаи баланд дар соли 2019 ба даст омадааст. Дар давраҳои истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетикаи барқӣ 20 лоиҳаҳои инвеститсионӣ амалӣ гардида, маблағи умумии лоиҳаҳо 2,0 млрд. доллари ШМА-ро ташкил дод.

Дар Тоҷикистон конҳои нафту газ нačандон зиёд мебошанд. Ба тавозун ҳамагӣ 23 кони нафт бо захираи геологӣ дар ҳаҷми зиёда аз 117 млн.тонна ва газ 857 млрд.$м^3$

гирифта шудааст. Истихроҷи нафт дар соли 2019 23,3 ҳаз.тоннаро ва истихроҷи гази табиӣ дар соли 2019 0,7 млн.м$^3$-ро ташкил дод. Истихроҷи ангишт дар соли 2019 2 млн. 027 ҳаз.тоннаро ташкил дод, ки нисбат ба соли 1990 (486,4 ҳаз.тонна) 5 маротиба зиёд мебошад. Ҳиссаи истихроҷи ангишт дар соли 1990 бо тарзи кушод 7,2% ва зеризаминӣ 92,8%-ро ташкил дода бошад, ин нишондод дар соли 2019 мутаносибан ба 94 ва 6% баробар гардидааст.

Дар диссертатсия гуфта шудааст, ки ҳиссаи истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноати сабук дар ҷумҳури калон аст. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 18 корхонаҳои ресандагӣ бо иқтидори дар як сол 80 ҳаз. т. коркард намудани нахи пахта фаъолият доранд. Корхонаҳои саноатии дӯзандагӣ қисми таркибии соҳаи саноати сабук ба ҳисоб рафта, дар он асосан маҳсулоти дӯзандагии таъиноти гуногун, аз қабили либосҳои низомӣ, кории махсус, бачагона, мардона, занона, мактабӣ, варзишӣ, рахти хоб, ҷиҳози нарм, хаймаҳои артишӣ, сумкаҳо, сарпӯшҳо, парчам, чарчинворӣ ва маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ истеҳсол карда мешаванд.

Арзёбии вазъи кунунии корхонаҳои саноатии соҳаҳои коркарди пӯст ва пашм, дурнамои ҷамъоварӣ ва содироту воридоти онро ба инобат гирифта, натиҷаҳои рушди истеҳсоли ашёи хоми чорво, коркарди аввалия ва минбаъдаи он дар корхонаҳои саноатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 6 корхона ба коркарди пӯсти чорво машғул буда, иқтидори истеҳсолии онҳо коркарди 2 млн. пӯст дар як солро ташкил медиҳад. Тибқи маълумот истеҳсоли пашм ҳамасола дар ҷумҳурӣ афзоиш ёфта, соли 2013-6565 тонна ва соли 2019–7771 тоннаро ташкил додааст. Бинобар зиёд гардидани истеҳсоли пашм бояд, ки шумораи корхонаҳои коркарди он зиёд карда шавад.

Мебел барории кишвар яке аз соҳаҳои зудафзоиш ба шумор рафта, солҳои охир мунтазам тамоюли афзоиш дорад ва истеҳсоли он дар соли 2013-11,5 млн. сомонӣ ва соли 2019-54,0 млн. сомониро ташкил додааст.

Дар сохтори саноати хӯрокворӣи Тоҷикистон 10 соҳа, аз ҷумла: коркарди меваю сабзавот, ғалла, гӯшту шир, тамоку, истеҳсоли нон ва маҳсулоти нонӣ, равғаи растанӣ, обҳои минералӣ, қаннодӣ, нӯшокиҳои ғайриспиртӣ ва спиртӣ бо фарогирии зиёда аз 462 корхонаҳои бузург ва миёна фаъолият менамоянд. Соли 2019 корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар ҳаҷми 5,4 млрд.сомонӣ маҳсулот истеҳ-сол намуданд, ки афзоиши он нисбат ба соли 2014 ба андозаи 165% зиёд аст. Ҳис-саи саноати хӯрокворӣ нисбати маҷмуи маҳсулоти саноатӣ дар соли 2019 ба 19,6% баробар гардид, ки дар ҷои дуюм баъд аз саноати электроэнергия меистад (расми 3).




**Расми 3. Диаграммаи ҳиссаи саноати хӯрокворӣ дар маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ дар соли 2019**

Мунтазам афзоиш ёфтани шумораи корхонаҳои саноатӣ ба зиёд шавии ҳаҷми истеҳсолот ва боло рафтани ҳиссаи саноати хӯрокворӣ дар маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ мусоидат намуд (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3**

**Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии хӯрокворӣ дар солҳои 2014-2019**

| Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Солҳои | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| **Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ** | **млн. сом** | **3266,0** | **3480,0** | **3689,0** | **4304,0** | **4895,3** | **5399,0** |
| **Ҳаҷми истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти хӯрокворӣ:** | | | | | | | |
| нушокиҳои ташнашикан | ҳаз.дал | 6576 | 6634 | 6727 | 7087 | 11198 | 12683 |
| меваи хушк | тонна | 2135 | 1328 | 1792 | 1948 | 2929 | 3707 |
| обҳои маъданӣ | ҳаз.дал | 1486 | 1364 | 1345 | 1520 | 1533 | 1664 |
| сигар ва папирос | млн.дона | 482 | 306 | 432 | 574 | 766 | 292 |
| панири равғанӣ | тонна | 120 | 181 | 191 | 224 | 256 | 224 |
| равғани чорво | тонна | 93,6 | 138,2 | 204,9 | 212,0 | 153,6 | 175,0 |
| арақ ва ликёрҳо | ҳаз.дал | 62,0 | 59,0 | 51,0 | 56,0 | 52,0 | 53,8 |
| гӯшт | ҳаз.тонна | 36,9 | 40,7 | 45,5 | 47,2 | 59,0 | 65,1 |
| консерваҳо | м.қ.ш | 31,4 | 16,1 | 22,1 | 22,7 | 23,6 | 27,1 |
| шароби ангур | ҳаз.дал | 16,0 | 9,1 | 10,7 | 10,9 | 13,1 | 10,1 |
| равғани растанӣ | ҳаз.тонна | 13,0 | 10,0 | 10,1 | 12,7 | 16,3 | 21,6 |
| маҳсулоти қаннодӣ | ҳаз.тонна | 10,7 | 14,5 | 15,7 | 12,8 | 13,9 | 15,3 |
| маҳсулоти ширӣ | ҳаз.тонна | 10,7 | 14,5 | 14,0 | 14,4 | 14,6 | 15,2 |
| макарон | ҳаз.тонна | 6,9 | 5,9 | 4,3 | 4,6 | 4,4 | 3,4 |
| ҳасиб | ҳаз.тонна | 3,2 | 4,1 | 4,9 | 4,9 | 4,6 | 5,0 |

**Сарчашма:** аз рӯйи маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - С. 290 ҳисоб карда шудааст.

Инчунин дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки соли 2020 2480,6 ҳаз. т. сабзавот ва 459,3 т. мева истеҳсол гардид, ки истеҳсоли консерваи меваю сабзавот ба 62,4 млн. қуттии шартӣ расонида шуд. Ин нишондод нисбати соли 1990 221,9 млн. қутии шартӣ ё 4,6 маротиба поён рафт. Масъалаҳои ҳалталаби соҳа норасогии меваю сабзавот, танзим наёфтани масъалаҳои таъминоти корхонаҳои коркард бо ашёи хом бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда мебошанд.

Бо натиҷагирӣ хулоса кардан мумкин аст, ки корхонаҳои хурд ва миёна дар соҳаи саноат ҷузъи ҷудонашаванда, воқеан зарурӣ ва амалисозандаи вазифаҳои муҳими иқтисодиёти бозорӣ ба шумор меравад.

Дар диссертатсия бо истифода шудани методикаи иқтисодию математикӣ арзёбии нишондиҳандаҳои асосии миқдории рушди корхонаҳои хурд ва миёна имконият дорад, ки барои таҳлили ҳолати ҷории онҳо, динамикаи фаъолият, самтҳои эҳтимолии рушди ояндаи он, хароҷоти мутамарказ ва идоракунандаи захираҳое, ки барои ба даст овардани натиҷаи ниҳоӣ нигаронида шудаанд, мусоидат менамояд.

Ба сифати функсияи вобаста, ки ба бузургии гардиши корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ин корхонаҳо таъсир мерасонад, (ММД, яъне У) чунин намуди нишонди-ҳандаҳои барои соҳибкорони хурд, миёна ва инфиродӣ интихоб гардиданд (ҷадв. 4):

**Ҷадвали 4**

**Нишондиҳандаҳои ибтидоӣ барои ҳисобу китоби моделӣ иқтисодӣ-риёзӣ**

| Солҳо | У | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ | $X_6$ | $X_7$ | $X_8$ | $X_9$ | $X_{10}$ | $X_{11}$ | $X_{12}$ | $X_{13}$ | $X_{14}$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2011 | 40864,4 | 1473 | 96 | 1348 | 29 | 75,4 | 1005,54 | 456,52 | 7862 | 975 | 2442 | 5428 | 1459 | 3593 | 4268 |
| 2012 | 43929,3 | 1586 | 109 | 1448 | 29 | 79,6 | 1329,21 | 717,09 | 9504 | 1227 | 3318 | 6536 | 1741 | 3859 | 5645 |
| 2013 | 40525,5 | 1804 | 136 | 1640 | 28 | 76,3 | 1394,17 | 727,58 | 13412 | 1117 | 6919 | 3588 | 1919 | 3577 | 6375 |
| 2014 | 45606,6 | 2310 | 154 | 1980 | 30 | 81,7 | 1479,73 | 824,58 | 14083 | 1402 | 6959 | 3266 | 2174 | 4502 | 6033 |
| 2015 | 50977,8 | 2164 | 214 | 2071 | 25 | 81,2 | 1900,57 | 962,77 | 15674 | 1641 | 8006 | 3482 | 2549 | 3153 | 9043 |
| 2016 | 54790,3 | 2043 | 232 | 1772 | 39 | 80,9 | 1988,92 | 1139,28 | 18182 | 3004 | 9368 | 3690 | 2718 | 1572 | 13519 |
| 2017 | 64434,4 | 1999 | 229 | 1732 | 38 | 86,8 | 2374,49 | 1273,88 | 22055 | 4524 | 11776 | 4304 | 3729 | 1852 | 18177 |
| 2018 | 71059,2 | 2161 | 249 | 1806 | 106 | 85,6 | 2422,03 | 1460,02 | 24393 | 4686 | 13520 | 4900 | 5688 | 2079 | 21816 |
| 2019 | 77354,7 | 2164 | 250 | 1746 | 168 | 84,2 | 2597,48 | 1580,28 | 27613 | 4853 | 15952 | 5399 | 6808 | 2347 | 25266 |

*Эзоҳ:* У - ММД бо нархҳои соли 2019, млн. сомонӣ; $X_1$ – шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид; $X_2$ – шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан, воҳид; $X_3$ – шумораи корхонаҳои саноати коркард, воҳид; $X_4$ – шумораи корхонаҳои истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об, воҳид; $X_5$ – шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳаз. нафар; $X_6$ – музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳои саноати истихроҷи маъданҳои куҳӣ ва коркарди конҳо, сомонӣ; $X_7$ – музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳои саноати коркард, сомонӣ; $X_8$ – ҳаҷми маҳсулот (бо нархҳои соли 2017-2018 ва 2019), млн. сомонӣ; $X_9$ – ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷи маъдан, млн. сомонӣ; $X_{10}$ – ҳаҷми маҳсулоти саноати коркард, млн. сомонӣ; $X_{11}$ – ҳаҷми маҳсулоти саноати хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку, млн. сомонӣ; $X_{12}$ – ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об, млн. сомонӣ; $X_{13}$ – истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ аз рӯи шаклҳои моликият (бахши давлатӣ), млн. сомонӣ; $X_{14}$ – истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ аз рӯи шаклҳои моликият (бахши ғайридавлатӣ), млн. сомонӣ;

Сарчашма: маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - 495 с.

Аз истифодаи ин нишондиҳандаҳои иқтисодие, ки бо назардошти мо ба ММД таъсир мерасонанд бармеояд, ки ин нишондиҳандаҳоро барои гузаронидани таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Барои ошкор намудани алоқамандии байни нишондиҳандаҳои тадқиқшаванда аз барномаи MS-EXCEL функсияи «Коррелятсия» ва «Регрессия» истифода мебарем. Дар ҷадвали 5 мо натиҷае, ки бо ёрии таҳлили коррелятсионӣ гузаронида шудааст, пешниҳод кардем.

**Ҷадвали 5**

**Натиҷаи бадастовардашуда дар асоси гузаронидани таҳлили коррелятсионӣ**

| | **У** | **X2** | **X4** | **X5** | **X6** | **X7** | **X8** | **X9** | **X10** | **X12** | **X14** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **У** | 1 | | | | | | | | | | |
| **X2** | 0,875997 | 1 | | | | | | | | | |
| **X4** | 0,85368 | 0,600861 | 1 | | | | | | | | |
| **X5** | 0,846803 | 0,82234 | 0,51285 | 1 | | | | | | | |
| **X6** | 0,956674 | 0,959635 | 0,713858 | 0,889689 | 1 | | | | | | |
| **X7** | 0,970667 | 0,938625 | 0,787372 | 0,869206 | 0,986744 | 1 | | | | | |
| **X8** | 0,966566 | 0,920606 | 0,814236 | 0,831452 | 0,974811 | 0,985601894 | 1 | | | | |
| **X9** | 0,971159 | 0,866952 | 0,754379 | 0,865476 | 0,947792 | 0,952177428 | 0,948116 | 1 | | | |
| **X10** | 0,946552 | 0,921113 | 0,800657 | 0,811764 | 0,966162 | 0,976064242 | 0,997151 | 0,92660807 | 1 | | |
| **X12** | 0,969139 | 0,798154 | 0,941852 | 0,742609 | 0,893758 | 0,932722139 | 0,947348 | 0,90811029 | 0,935658 | 1 | |
| **X14** | 0,990965 | 0,877324 | 0,850795 | 0,811036 | 0,956369 | 0,972620659 | 0,975454 | 0,98025354 | 0,95914 | 0,964680788 | 1 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар асоси истифодабарии барномаи MS - EXCEL

Аз ҷадвали 5 бармеояд, ки байни ММД ва аксари нишондиҳандаҳо вобастагии зич мавҷуд аст, аммо чунин нишондиҳандаҳо $X_1$, $X_3$, $X_{11}$ ва $X_{13}$, бо ММД алоқамандӣ надорад, зеро коэффитсиенти онҳо аз 0 паст аст.

Чӣ тавре, ки дар боло зикр шудааст, мо бо ду усули иқтисодӣ-математикӣ таҳлилро анҷом медиҳем. Барои гузаронидани таҳлили регрессионӣ низ нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 истифода бурда бо ёрии барномаи MS - EXCEL чунин натиҷаро ба даст меорем (ҷадв. 6).

**Ҷадвали 6**

**Натиҷаи бадастовардашуда дар асоси гузаронидани таҳлили регрессионӣ**

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ХУЛОСАИ НАТИҶАҲО | | | | | | | | |
| *Омори регрессионӣ* | | | | | | | | |
| Ҷамъи R | 0,988579 | | | | | | | |
| R-квадрат | 0,977289 | | | | | | | |
| R-квадрати меъёрӣ | 0,963663 | | | | | | | |
| Саҳви стандартӣ | 2592,482 | | | | | | | |
| Мушоҳида | 9 | | | | | | | |
| Таҳлили дисперсионӣ | | | | | | | | |
| | *df* | *MS* | *F* | *Маънидоди F* | | | | |
| Регрессия | 3 | 1,45E+09 | 4,82E+08 | 71,7196 | | | | |
| Бақия | 5 | 33604811 | 6720962 | | | | | |
| Ҷамъ | 8 | 1,48E+09 | | | | | | |
| | *Коэффит-сиентҳо* | *Хатогии стандартӣ* | *t-омор* | *P-маънидод* | *95%-и поёнӣ* | *95%-и болоӣ* | *95%-и поёнӣ* | *95%-и болоӣ* |
| Y-бурриш | -67632,2 | 30010,94 | -2,25358 | 0,073944 | -144778 | 9513,423 | -144778 | 9513,423 |
| X2 | 61,21197 | 28,10504 | 2,177971 | 0,081321 | -11,0343 | 133,4583 | -11,0343 | 133,4583 |
| X4 | 138,1234 | 23,23302 | 5,945134 | 0,001924 | 78,40105 | 197,8458 | 78,40105 | 197,8458 |
| X5 | 1268,432 | 415,967 | 3,049356 | 0,028445 | 199,1544 | 2337,709 | 199,1544 | 2337,709 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар асоси истифодабарии барномаи MS - EXCEL

Маълум гардид, ки натиҷаи таҳлили регрессионӣ, нисбати натиҷаи гирифташудаи таҳлили коррелятсионӣ фарқияти калонро доро аст. Агар дар таҳлили коррелятсионӣ қариб ҳамаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бо ҳам алоқамандии зичро доро башанд, дар таҳлили регрессионӣ танҳо се нишондиҳанда $X_2$ – шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан, воҳид; $X_4$ – шумораи корхонаҳои истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об, воҳид; $X_5$ – шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳаз. нафар бо ММД алоқамандии зичро доро аст.

Аз рӯи натиҷаҳои гирифташуда мо чунин муодиларо пайдо намудем.

$$y = -67632{,}2 + 61{,}21197X2 + 138{,}1234X4 + 1268{,}432X5$$

Бо ёрии муодила, чунин натиҷа ба даст оварда, дар ҷадвал нишон медиҳем (ҷадвали 7), натиҷаи ин ҷадвал аз он шаҳодат медиҳад, ки натиҷаҳои бадастовардашуда бо натиҷаҳои омилӣ дуруст ҳастанд. Дурустии ин натиҷаҳо дар расми 4 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 7**

**Натиҷаи таҳлили регрессионӣ бо ёрии муодила**

| | У омилӣ | У назариявӣ |
|---|---|---|
| 2011 | 40864,40 | 37889,5 |
| 2012 | 43929,30 | 44012,67 |
| 2013 | 40525,50 | 41341,45 |
| 2014 | 45606,60 | 49569,04 |
| 2015 | 50977,00 | 51916,93 |
| 2016 | 54790,30 | 54571,94 |
| 2017 | 64434,40 | 61733,93 |
| 2018 | 71059,20 | 70828,44 |
| 2019 | 77354,70 | 77677,5 |

Сарчашма: ҳисоби муаллиф нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар асоси истифодабарии барномаи MS – EXCEL




**Расми 4. - Модели хаттии регрессионӣ**

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки модели мазкур тавсифи омории мақбул дошта, имконият медиҳад, ки онро ба ҳайси таҳлил ва пешгӯикунӣ истифода кунем. Ҳамин тариқ мувофиқиояндабиниҳо то соли 2030 нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ, ки ба ММД ва корхонаҳои саноатӣ таъсири мусбат мерасонанд афзоиш меёбанд (ҷадв. 8).

**Ҷадвали 8**

**Натиҷаи ояндабинӣ (пешгуикунӣ) аз рӯи модели тартибдодашуда**

| Солҳо | У | $X_2$ | $X_4$ | $X_5$ |
|---|---|---|---|---|
| 2011 | 40864,40 | 96,00 | 29,00 | 75,40 |
| 2012 | 43929,30 | 109,00 | 29,00 | 79,60 |
| 2013 | 40525,50 | 136,00 | 28,00 | 76,30 |
| 2014 | 45606,60 | 154,00 | 30,00 | 81,70 |
| 2015 | 50977,00 | 214,00 | 25,00 | 81,20 |
| 2016 | 54790,30 | 232,00 | 39,00 | 80,90 |
| 2017 | 64434,40 | 229,00 | 38,00 | 86,80 |
| 2018 | 71059,20 | 249,00 | 106,00 | 85,60 |
| 2019 | 77354,70 | 250,00 | 168,00 | 84,20 |
| **Пешгӯӣ** | | | | |
| 2020 | 78089,5 | 294 | 123 | 87,4 |
| 2021 | 82828,7 | 315 | 136 | 88,6 |
| 2022 | 87567,9 | 337 | 150 | 89,9 |
| 2023 | 92307,1 | 359 | 163 | 91,1 |
| 2024 | 97046,3 | 380 | 177 | 92,3 |
| 2025 | 101785,6 | 402 | 191 | 93,5 |
| 2026 | 106524,8 | 424 | 204 | 94,8 |
| 2027 | 111264,0 | 445 | 218 | 96,0 |
| 2028 | 116003,2 | 467 | 231 | 97,2 |
| 2029 | 120742,4 | 489 | 245 | 98,4 |
| 2030 | 125481,6 | 510 | 259 | 99,7 |

Сарчашма: ҳисоби муаллиф нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар асоси истифодабарии барномаи MS - EXCEL

Дар кори илмӣ асоснок шудааст, ки имрӯз дар кишварҳои дорои иқтисодиёти рушдкарда корхонаҳои хурд ва миёна «локомотив»-и муҳими болоравии иқтисодӣ башумор меравconfigured. Мутобиқан, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва фаъолияти корхонаҳои саноатӣ аҳмияти муҳимро чи барои бахши хурд ва миёна ва чи барои иқтисодиёт дар маҷмӯъ касб менамояд (расми 5.).

Дар диссертатсия исбот карда шуд, ки барои дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ имрӯз як қатор мақомоти машваратӣ таъсис дода шудааст, ки дар ташаккули минбаъдаи соҳибкорӣ нақши муҳим мебозанд. Чунончи, Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ барои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ тавсия ва таклифҳоро доир ба масъалаҳои беҳтар гардонии муҳити соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон, ки барои суръатбахшии рушди иҷтимою иқтисодии мамлакат зарур аст, омода месозад ва назоратро аз болои чараёни иҷрои қарорҳои қабул намудаи онро амалӣ мегардонад.

Аз соли 2018 марҳилаи сеюми татбиқи Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ оғоз гардид, ки дар самти дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар бахши истеҳсолӣ яке аз санадҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Тайи се соли охир дар кишвар 820 корхонаи истеҳсолӣ дар соҳаҳои гуногуни саноат бо 20 ҳаз. ҷойҳои нави кории доимӣ ташкил карда шуд, ки аз онҳо 80 корхонаи муштарак бо фонди оинномавии беш аз 800 млн. сомонӣ мебошад.

Дар ин давра дар корхонаҳои саноатӣ истеҳсоли беш аз 35 намуди маҳсулоти саноатии нав ба роҳ монда шуд.




**Расми 5. Амсилаи барномаи корхонаҳои саноатии мутавозиншуда**

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки бо мақсади амалӣ кардани яке аз намудҳои баҳодиҳии мутобиқат, сертификатсияи молу маҳсулот (тасдиқи мутобиқат) ҳукумати кишвар номгӯи молу маҳсулоти ҳатман сертификасияшавандаро тасдиқ кардааст. Аз ҷумла, бо мақсади дастгирии рушди соҳибкорӣ ва дар ин замина

